**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ
профессор. Хушвахтзода Қ.Х.

______________________

«__22__» ______________ с. 2020

# ХУЛОСАИ

кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рисолаи илмӣ зери унвонӣ «Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи “Даштиҷум” ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ» барои дарёфти унвони номзади илмҳои география аз руи ихтисоси 25.00.36-геоэкология ва истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кафедраи география ва сайёҳии факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардида, дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд.

Дар давраи омода намудани рисолаи илмӣ унвонҷӯ Гадоев Шералӣ Давлатович ба ҳайси унвонҷӯйӣ кафедраи география ва сайёҳии факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Гадоев Шералӣ Давлатович дар давоми солҳои 2005-2010 факултети география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси география – биология хатм кардааст. Номбурда дар давоми солҳои 2010-2012 ба ҳайси ассистенти кафедраи география, 2012-2015 – ҷонишини декан оид ба тарбияи факултаи химия – биология ва география соли 2015-2017, магистранти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси “географияи сайёҳӣ” аз соли 2017 инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намуда истодааст. Ҳамзамон, Гадоев Шералӣ Давлатович аз 22.06.2015, таҳти №86 унвонҷӯи кафедраи география ва сайёҳӣ мебошад.

Ба ӯ шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ доир ба таърих ва фалсафаи илм соли 2016 ва забони англисӣ соли 2017- аз

ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои биологӣ, профессор, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Мамадризохонов Акбар Алихонович, мушовири илмӣ, доктори илмҳои география, профессори кафедраи географияи табиии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Муртазоев Уктам Исматович мебошанд.

**Ҳангоми натиҷаи муҳокима чунин хулоса қабул гардид:**

**1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Ташаккули иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси эҳё шудан ва рушди соҳаи нави хоҷагии халқ – индустрияи туризм гардид, ки дар ҳоли ҳозир яке аз соҳаҳои мунтазам тараққикунандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Бо мақсади самаранок намудан ва ҳавасманд гардонидани фаъолияти туристӣ-рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 (аз 1 декабри соли 2014, таҳти № 738) ва баъдан таҳти № 80 аз 1 марти соли 2018 Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020 қабул шуда буд.

Яке аз ҷолибтарин ҳудуди ҷумҳурӣ, ки аксар вақт объекти хоҳиши туристӣ - рекреатсионӣ мегардад ин мамнуъгоҳи «Даштиҷум» мебошад. Маҳз ҳамин ҳудуд барои рушди туризми экологӣ дар худ объекти гаронбаҳоро таҷассум мекунад ва яке аз бехавфтарин намуди экологии истифодаи табиат мебошад. Он имконияти истифодаи ҳамаи сарватҳои ҳудудро, алалхусус бидуни вайронкунии заминаҳои табиӣ ва захиравӣ барои таъмини сифати беҳтарини зиндагии насли имрӯза ва оянда фароҳам месозад.

Солҳои охир ба рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳҳо диққати калон дода мешавад, чунки ин намуди туризм ба принсипҳои туризми устувор асос меёбад ва роҳандозии самараноки он метавонад барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерин мусоидат намояд: шуғлнокии аҳолии таҳҷойӣ; коҳишёбии шиддатнокии иҷтимоӣ; таъсиси маҳсулоти туристии экологӣ; истифодаи самараноки бойигарии табиӣ ва фарҳангии минтақа бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодиёти маҳаллӣ; таъмини воридоти асъор; дастгирии соҳибкорӣ дар минтақа; ҷалби аҳолии таҳҷойӣ дар рушди туризм ва ғайраҳо.

Зарурати илман асоснок ва самаранок кардани истифодаи ин намуди фаъолият (дар мисоли мамнуъгоҳи «Даштиҷум») шарти мубрамиятӣ ин таҳқиқот мебошад.

2. **Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Гадоев Шералӣ Давлатович то оғози таҳқиқотҳо барнома ва методикаи тадқиқотро таҳия намуда дар ҷаласаи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии миллии Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ гардидаанд.

3. **Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот** - ин аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳолатҳои назариявии муҳтавои он оид ба моҳияти маърифатии туризми экологӣ, нақши он дар раванди ҳифзи сарватҳои табиӣ, фарҳангӣ-таърихии минтақа дар шароити ҷаҳонишавӣ, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодии рушди туризми экологӣ ҳамчун соҳаи ояндадор ва метавонанд ҳам дар фаъолияти мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва ҳам дар дигар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муайянсозии рушди ояндаи онҳо ба манфиати ҳифзи табиат, рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии маҳал мавриди истифода қарор гиранд.

4. **Заминаи иттилоотии тадқиқот.** Барои навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ аснод ва маводи расмии Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти минтақавии он дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Вахш, солномаи омории идораҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ оид ба туризм, хоҷагии ҷангал ва ҳифзи муҳити зист, маводи фондӣ, картографӣ ва чопӣ оид ба сарватҳои табиӣ ва фарҳангӣ-таърихии ноҳияи Кӯлоб, маводи маълумотӣ, маълумоти дахлдори объектҳо ва инфрасохтори туристӣ-рекреатсионии минтақа, манбаъҳои интернетӣ, инчунин, маводи худи муаллиф, ки дар давраи аз соли 2010 то соли 2020 дар рафти таҳқиқоти экспедитсионии ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ҷамъоварӣ шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

5. **Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ:**

- дар мисоли мамнуъгоҳи «Даштиҷум» бори аввал қоидаҳои консептуалӣ оид ба туризми экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири онҳо ба табиат ва умуман ба имконияти туристию рекреатсионӣ ва иҷтимоӣ- иқтисодӣ коркард ва ҷамъбаст карда шудаанд;

- ба коршоямии ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ба туризми экологӣ, ки ба имкониятҳои табиӣ - захиравӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, криминологӣ, идоракунӣ, инфрасохторӣ, инноватсионӣ, институтсионалӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, истеъмолӣ ва нишондиҳандаҳои дастрасии наклиёт ва таъминоти соҳаи хизматрасонӣ асос ёфтаанд, баҳои интегралӣ дода шудааст;

• таваккалҳои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум», хосиятҳои инвеститсионӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, ҷиноятӣ, қонунбарорӣ, идоракунӣ ва роҳҳои кам кардани онҳо баҳогузорӣ шудааст;

• самаранокии фаъолияти мавҷудаи туризми экологӣ дар мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва роҳҳои баланд бардоштани он арзёбӣ гардидааст;

• муносибатҳо нисбат ба идоракунӣ ва танзими туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» бори аввал коркард шудааст;

• самтҳои афзалиятноки рушди стратегии туризми экологӣ аз нуқтаи назари тамоюлоти инноватсионӣ ва иҷтимоии рушди минтақавӣ муайян карда шудаанд.

Дар раванди таҳия намудани диссертатсия натиҷаҳои зерини илмӣ ба даст омаданд:

• сохтори ташкилии туризми экологӣ, гуногунии намудҳои он ва қобилияти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули туристони экологӣ мухтасар баён гардидааст;

• сарватҳои табиӣ ва биологии мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва имконияти фарҳангию таърихии он аз нуқтаи назари истифодаи онҳо дар туризми экологӣ тавсиф карда шудаанд;

• ҷанбаҳои амалии танзими рушди туризми экологӣ бо баҳогузории алоқаи байниҳамдигарии он бо сифати хизматрасониҳои туризми экологӣ таҳқиқ карда шудаанд;

• консепсияи ташаккули рушди стратегии туризми экологӣ бо ҷудо намудани навъҳои афзалиятноки он дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» бо асосноккунии мақсад ва вазифаҳои он коркард шудаанд;

• Натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои кишварҳои ҳамсарҳади мо – Афғонистон, Хитой ва Ӯзбекистон муҳим хоҳанд буд.

**Натиҷаҳои назарраси тадқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва шахсан аз ҷониби унвонҷӯ ба даст оварда шудаанд:**

**Навгонии тадқиқоти илмӣ -**

1) Туризми экологӣ ҳамчун методи пешқадами ҳифзи муҳити табиат, усули натиҷаи экологӣ, ташаккули фарҳанги экологӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии маҳал ва инчунин, ҳифзи ҳудуди бойигарии табиӣ ва фарҳангӣ-таърихии минтақа чун фишанги рушди иҷтимоӣ-экологӣ ва иқтисодии мамнуъгоҳ ва умуман, асоснок карда

шудааст.

2) Шароити табиии мусоиди экологӣ- рекреатсионӣ, имконияти баланди ландшафтиию истироҳатӣ ва таърихӣ-фарҳангии ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ҳамчун асос барои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди он арзёби гардидааст.

3) Хатарҳо ва монеаҳо дар рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» вобаста ба ҳамсарҳадӣ бо Афғонистони ҷангзада баррасӣ шуда, унвонҷӯ роҳҳои бартараф намудани онҳоро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии маҳаллӣ ва ҷумҳурӣ медонад.

4). Муносибатҳо нисбат ба ташаккул, идоракунӣ ва амалисозии нақшаҳои стратегии рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Даштиҷум» тавассути амалӣ кардани самтҳои афзалиятноки онҳо дар манзари тамоюлоти инноватсионӣ ва иҷтимоии рушди минтақавӣ мавриди арзёби қарор гирфтаанд.

**Натиҷаи амалии кор** - мақомоти давлатии идоракунӣ метавонанд онҳоро барои ташаккули сиёсати экологии минтақавӣ, коркард ва такмили расмиёти таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳамчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити методӣ ва машғулиятҳои амалӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳо ва самтҳои экологӣ, биологӣ, географӣ мавриди истифода қарор диханд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои иҷрои барномаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба рушди туризм дар солҳои 2020-2025 асос гарданд.

**Дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои тадқиқот.** Ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ДДК) ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (Кӯлоб, солҳои 2010-2019); конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ: «Ҳифзи гуногунрангии биологии Помир дар шароити тағйирёбии иқлим» (Душанбе, соли 2014); «Бизнес ва таҳсилот: ҳамкорӣ ва рушд» (Бишкек, соли 2014); «Проблемаҳои экологӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ» (Данғара, соли 2015); «Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо дар рушди хоҷагии халқи мамлакат» (Душанбе, соли 2015); «Нақши интегратсия, инноватсия ва технология дар рушди иқтисодии мамлакат» (Кӯлоб, соли 2016); «Ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавии илм ва маориф» (Панҷакент, соли 2017); «Об ва истифодаи он – проблемаи глобалии ҷаҳони муосир», бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 (Хуҷанд, соли 2018); «Рушди туризми байналмилалӣ – омили

муҳими иқтисодиёти миллӣ» (Данғара, соли 2018); конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Ҳолати захираҳои биологии минтақаҳои кӯҳӣ дар робита бо ивазшавии иқлим» (Хоруғ, соли 2016); «Муҳиммияти рушди туризми дохилӣ» (Душанбе, соли 2017); «Роҳҳо ва самтҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обии Тоҷикистон» (Душанбе, соли 2017) баён гардидаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 3 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

**А) Руйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ:**

Мақолаҳои нашршуда дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи КОА Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1. Гадоев, Ш. Ресурсный потенциал и особенности развития экологического туризма на территории заповедника «Дашти Джум»/ Ш. Гадоев. // Кишоварз (Земледелец), № 4 (68), 2015. -С. 94-96.
2. Гадоев, Ш. Возможности организации экологического туризма на территории заповедника «Дашти Джум»/ Ш. Гадоев// Вестник ТНУ, № 2/6. -Душанбе: «Сино», -2017. -С.123-128.
3. Гадоев, Ш. Эффективная система управления туризмом на территории заповедника «Дашти Джум»/ Ш. Гадоев // Вестник РТСУ, 2017. № 3 (59). -С.149-152.

**Б) Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расида**

1. Гадоев, Ш. Роль заповедника «Дашти Джум» в сохранении биоразнообразия растительного и животного мира/ Ш. Гадоев// Матер. республ. научно- практич. конфер., посвящ.70-летию Кулябского гос. университета им А.Рудаки. -Куляб, 2015. -С.48-50.
2. Гадоев Ш. Приоритетные направления экотуризма на территории заповедника «Дашти - джум»/ Ш. Гадоев, А. Мамадризохонов// Матер. Республ. научно-практич.конфер. «Вопросы развития туризма и народных ремесел в Республике Таджикистан». -Куляб, 2018. -С.106-110.
3. Гадоев, Ш. Биоразнообразие заповедника “Дашти Джум”/ Ш. Гадоев А., Мамадризохонов А. //Материалы 8-ой Межд.конфер. “Экологические особенности биологического разнообразия Таджикистана”. -Худжанд, 2019. -С.54-55.
4. Гадоев Ш. Самтҳои аввалиндараҷаи рушди туризми экологӣ дар марзи мамнуъгоҳи Даштиҷум/ Ш. Гадоев//Маводи конфронси илмӣ – амалӣ байналмилалӣ дар мавзӯи “Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар ҶТ”. – Душанбе, 2020, с. 68-72.

Бо назардошти моҳияти илмӣ-назариявӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амалии худ рисолаи номзадии унвонҷӯ Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи **«Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи “Даштиҷум” ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои география** аз рӯи ихтисоси **25.00.36 – “Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат”** ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, № 505)» ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд, аз ин 3 нафар докторҳои илм дар соҳаи мавзӯи рисолаи баррасишаванда мебошанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода дар рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи «Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи «Даштиҷум» ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат пешниҳод гардидааст, овоз доданд. - «Тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи №6-и кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии миллии Тоҷикистон барои муҳокимаи минбаъда тавсия дода мешавад.

Мудири кафедраи гидрогеология
ва геологияи муҳандисии факлтети
геологияи ДМТ н.и.т., додсент Ғайратов М.Т.

Котиб: Сайфуллоева К.Г.

Тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

суроғa 735025, ҶТ
шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел (+992) 919-16-00-26
E –mail:nmmvirzoev@mail.ru